Корхонаҳои саноатии шаҳри Ҳисор асосан дар самти истеҳсол ва коркарди маҳсулоти саноати сабук, нӯшокии машруботӣ, маҳсулотҳои нафт, оҳан ва маводҳои сохтмонӣ фаъолият намуда истода, шумораи корхонаҳо дар соли 2015 ба 52 адад баробар гардида буда, ҷиҳати таъсиси корхонаҳои нави саноатӣ, диверсификатсияи маҳсулоти саноатӣ махсусан маҳсулотҳои воридотивазкунанда ва маҳсулотҳои ба содирот нигаронишуда, аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор корҳои мушаххас роҳандозӣ гардида, шумораи корхонаҳои саноатии шаҳри Ҳисор аз 52 адади соли 2015 дар соли 2022 ба 79 адад расонида шудааст. Дар масъалаи ташкили ҷойҳои нави корӣ ва омода намудани мутахассисони соҳибтаҷриба дар соҳаи саноат диқати махсус зоҳир гардида, шумораи шаҳрвандони дар корхонаҳои саноатӣ фаъолиятдошта аз 900 нафар ба 1450 нафар расонидааст.

Фаъолияти корхонаҳои саноатии шаҳрро аз рӯи номгуи маҳсулоти истеҳсолӣ таҳлил намоем номгуи маҳсулот аз 33 номгӯ соли 2015 ба 54 номгӯ дар соли 2022 расонида шуд, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулотҳои ширӣ, гӯшти мурғ, шифер, қубурҳои азбестӣ ва метталӣ, трактор, ядак, сипора, тойбанд, мебел, симҳои сохтмонӣ, қоғаз, масолеҳи басту банди замонавӣ, зарфҳои калонҳаҷми пластикӣ, омехтаи хушки сохтмонӣ ва рангҳои сохтмонӣ аз ҷониби корхона ва коргоҳҳои таъсис гардида бароҳ монда шуд.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати дар соли 2015 ба 70,5 миллион сомонӣ баробар гардида, дар соли 2021 бошад ин нишондиҳанда ба 290,6 миллион сомонӣ расонида, нисбати соли 2015 4,1 баробар зиёд мебошад.



Ба ҳолати 1 октябри соли 2022 аз ҷониби корхонаҳои саноатии шаҳр ба маблаға 244,8 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол ва коркард гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 маблағи 42,4 миллион сомонӣ зиёд буда, суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои амалкунанда 120,9 фоиз ва бо нархҳои муқоисавӣ 119,9 фоизро ташкил намудааст.

Аз маҷмӯи маҳсулоти саноатии дар ин давра истеҳсолгардида 3 млн. 573,7 ҳазор сомонӣ ба саноати истихроҷ, 198 млн. 767 ҳазор сомонӣ ба саноати коркард ва 42 млн. 464 ҳазор сомонӣ ба саноати хизматрасонӣ рост меояд.

Дар 9 моҳи соли ҷорӣ 4 адад корхонаи саноатӣ аз ҷумла ҶДММ "Мақсад-2020", ҶДММ "Даҳбед", ҶДММ "Хонаи Калон" ва ҶДММ "Мк-5" аз сабаби солҳои тӯлони фаъолият надоштан ва мавҷуд набудани хатҳҳои технологи ва дастгоҳҳои истеҳсоли барҳам дода шуданд.

Вобаста ба саноатикунонии мамлакат, ки ҳадафи чоруми стратегии мамлакат маҳсуб меёбад, дар 9 моҳи соли 2022 корхонаи истеҳсоли шифер ҶДММ "Юсуфҷон-2020" бо иқтидори истеҳсоли 300 ҳазор дона шифер дар як сол, корхонаи забҳи паранда ҶДММ "Мурғи Ҳилол", корхонаи истеҳсоли рангҳои сохтмонӣ ҶДММ "Синои тоҷир", корхонаи коркарди шир ҶДММ "Шири покиза", корхонаи истеҳсоли қоғаз ҶДММ "Қоғази Шарора", коргоҳи истеҳсоли қуттиҳои меванигаҳдорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ ба истифода дода шуда, корхонаи истеҳсоли хишти бинокорӣ, ки солҳои қабл аз фаъолият бозмонда ба кор андохта шуд. Ҳамзамон, дар ин давра фаъолияти муътадили корхонаи ресандагии ҶДММ "Файзи Истиқлол-2011" таъмин гардида, корхона фаъолиятро бо номи ҶДММ "Ваҳдат Текстайл" ба роҳ мондааст.

Айни ҳол сохтмони корхонаи истеҳсоли хишти сабук, мебел ва коргоҳҳои маҳсулоти қаннодӣ, равғани растанӣ идома дошта, нақша аст то анҷоми соли 2022 мавриди истифода қарор дода шавад.